Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Борбад 48/5)

ТАҚРИЗӢ

муқарризи расмӣ Ҷумъаев Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод гардидааст.

I. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.

Дар шароити густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ, ташаккули иттиҳодияҳои нави ҳамгироии минтақавӣ ва таҳкими мавқеи онҳо дар хоҷагии ҷаҳонӣ, ҳамзамон шиддат гирифтани рақобати байналмилалӣ ва тағйирёбии масирҳои логистикӣ, масъалаи рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) аҳаммияти хосса пайдо менамояд.

СҲШ кишварҳои дорои иқтидори назарраси истеҳсолӣ, бозорҳои бузурги истеъмолӣ ва имкониятҳои васеи сармоягузориро муттаҳид месозад, ки рушди ҳамкориҳо бо онҳо на танҳо барои афзоиши гардиши савдои хориҷӣ, балки барои беҳтар намудани сохтори молӣ ва ҷуғрофии содирот, таҳкими занҷираҳои арзиши иловашуда ва коҳиш додани вобастагии иқтисодӣ аз шарикони анъанавии тиҷоратӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Дар баробари ин, масъалаҳои дар диссертатсия баррасишаванда, аз ҷумла таҳқиқи асосҳои назариявии ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои омории савдои хориҷӣ, арзёбии вазъи ҳамкориҳои сармоягузорӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, ба манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафу вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мутобиқат менамоянд.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба асосноккунии равишҳои назариявию методологӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунии

ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои СҲШ бахшида шудааст, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти назаррас дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои муайян намудани имкониятҳои нави ҳамкориҳои иқтисодӣ, истифодаи самараноки иқтидори тиҷоратию сармоягузории кишварҳои аъзои созмон, таҳкими мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои иқтисодии минтақавӣ ва баланд бардоштани самаранокии робитаҳои иқтисодии хориҷии кишвар мусоидат намоянд.

Бо дарназардошти масъалаҳои зикргардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба омӯзиши асосҳои назариявию методологии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, таҳлили вазъ ва тамоюлҳои рушди муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои СҲШ, муайян намудани мушкилоту имкониятҳои мавҷуда ва асосноккунии самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи ин ҳамкориҳо равона гардидаанд.

II. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мутобиқ мебошад. III.5. – Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рӯ ба рушдниҳодаи хоҷагии ҷаҳонӣ, қонуниятҳои рушди ин равандҳо, баҳои ояндаи ҳамгироии иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ, аз ҷумла ҳамгироии иқтисодии Авруосиё; III.11. – Механизмҳои танзими тиҷорати байналмилалӣ; III.18. Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналмилалӣ, ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналмилалӣ; III.25 – Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибсозии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои иқтисоди миллӣ. Тазодҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва равишҳои ҳалли онҳо.

III. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Муаллифи диссертатсия дар самти рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай натиҷаҳои назарраси назариявию амалиро ба даст овардааст, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд. Аз ҷумла:

- асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои давлатҳои хурд ва рӯ ба тараққӣ таҳқиқ ва

мушаххас карда шуданд ва ин имкон дод, ки хусусиятҳои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироӣ амиқтар ошкор карда шавад;

- иттиҳодияҳои ҳамгирои иқтисодии минтақавӣ ва нақши онҳо аз ҷумла (Созмони ҳамкории Шанхай) дар рушд ва тадбиқи сиёсати хориҷии кишварҳои узв бо назардошти ҷаҳонишавии муосир ва чолишҳои геоиқтисодӣ машаххас карда шуд;

- дар асоси маълумотҳои макроиқтисодӣ ва оморӣ вазъият ва динамикаи савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ таҳлил шуда, тамоюлҳои устувор, номутаносибӣ ва векторҳои тағйирёбии муносибатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд. Ҳамзамон, ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ арзёбӣ гардида, омилҳои асосии монеаи воридшавии сармоя, инчунин, имкониятҳои густариши ҳамкориҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт муайян карда шуд;

- самтҳои асосии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои СҲШ муайян ва ба низом дароварда шуда, роҳҳои ҳимоявии манфиатҳои стратегии ҷумҳурӣ дар чаҳорчӯби ин ҳамкорӣ муайян карда шуданд. Инчунин, дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои узви ин созмон дар давраи миёнамуҳлат аниқ гардида, тавсияҳои амалӣ таҳия карда шуданд.

IV. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида ба омӯзиш ва таҳлили доираи васеи асарҳои илмӣ, таълифоти олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии минтақавӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи вазъ ва тамоюлҳои рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои СҲШ, истифодаи усулҳои муосири ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоот, инчунин маълумоти оморӣ ва равишҳои муосири таҳқиқоти илмӣ асос ёфтаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳамчунин, тавассути мувофиқати хулосаву тавсияҳо бо натиҷаҳои таҳлилҳои гузаронидашуда, навгониҳои илмии мустақилона бадастовардаи муаллиф, муҳокима ва баррасии натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ, инчунин интишори

натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда тақвият меёбанд.

V.Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муқаррароти илмӣ ва хулосаҳои назариявии дар диссертатсия пешниҳодгардида ба рушди асосҳои назариявию методологии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии минтақавӣ мусоидат намуда, метавонанд ҳамчун саҳми муайян дар омӯзиши масъалаҳои густариши муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай арзёбӣ гарданд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои СҲШ, такмили механизмҳои танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи савдои хориҷӣ, инчунин дар фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди таълими фанҳои «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ», «Ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ», «Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ» ва дигар фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар истифода намуд.

VI. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 182 саҳифаи матни компютериро ташкил дода, дар он 14 ҷадвал ва 21 расм ҷой дода шудаанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 181 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи масъалаи илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва пойгоҳи иттилоотии он муайян ва асоснок гардида, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада тавсиф шудаанд (саҳ. 4–12).

Дар боби якум «Асосҳои назариявии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ» ҷанбаҳои назариявии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шароити

ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ таҳқиқ гардида, нақши иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар рушди иқтисодиёти кишварҳои аъзо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамзамон, Созмони ҳамкории Шанхай ҳамчун ниҳоди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ гардидааст (саҳ. 13–64).

Муаллиф дар асоси омӯзиши равишҳои назариявии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва таҳлили моҳияту мазмуни мафҳумҳои асосии соҳа, истилоҳҳои «тиҷорати байналмилалӣ» ва «ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, равишҳои назариявии шарҳи онҳоро низомбандӣ намудааст. Дар ин замина, тиҷорати байналмилалӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими пешбарандаи рушди устувори иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ арзёбӣ гардидааст (саҳ. 17).

Дар диссертатсия назарияҳои асосии классикӣ ва муосири тиҷорати байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта (саҳ. 19), марҳилаҳои ташаккул ва рушди ҳамгироии иқтисодӣ муайян карда шудаанд (саҳ. 24). Дар асоси таҳлили назариявии масъала муаллиф ба хулоса меояд, ки тиҷорати байналмилалӣ шакли ҳамкории мутақобилан судманди иқтисодиёти кишварҳои гуногун буда, хусусияти динамикӣ дорад ва ба рушди муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ мусоидат менамояд (саҳ. 23).

Муаллиф дар асоси таҳлили ҷанбаҳои назариявии масъала модели рушди тиҷорати байналмилалиро дар доираи равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ пешниҳод намудааст, ки дорои арзиши муайяни илмӣ мебошад.

Дар идомаи таҳқиқот мақсадҳои асосии таъсиси иттиҳодияҳои байналмилалии иқтисодӣ мушаххас гардида, шаклҳо ва зинаҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ низомбандӣ ва тасниф карда шудаанд (саҳ. 35–36).

Ба андешаи муаллиф, равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар баробари афзалиятҳои худ дорои баъзе маҳдудиятҳо ва мушкилот низ мебошанд, ки яке аз онҳо ба зарурати вогузории қисме аз салоҳиятҳои миллӣ дар самти танзими сиёсати тиҷоратӣ ба ниҳодҳои муштараки ҳамгироӣ алоқаманд мебошад (саҳ. 41).

Муаллиф таъкид менамояд, ки иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ ва байналмилалӣ дар ташаккули низоми муосири хоҷагии ҷаҳонӣ нақши муҳим дошта, тадриҷан ба яке аз унсурҳои асосии меъмории иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд (саҳ. 47).

Дар қисми минбаъдаи боби якум муаллиф Созмони ҳамкории Шанхайро аз мавқеи равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ баррасӣ

намуда, ҳадафҳо, сохтор, марҳилаҳои ташаккул, самтҳои фаъолият ва мавқеи онро дар хоҷагии ҷаҳонӣ, инчунин ҷойгоҳи созмонро дар муқоиса бо дигар иттиҳодияҳои минтақавӣ муайян менамояд (саҳ. 48–63). Ба андешаи муаллиф, СҲШ бо дарназардошти иқтидори иқтисодии кишварҳои аъзои худ ба равандҳои иқтисоди ҷаҳонӣ таъсири назаррас мерасонад.

Ҳамзамон, муаллиф қайд менамояд, ки сарфи назар аз ташаккул наёфтани фазои ягонаи иқтисодӣ дар доираи СҲШ, барои рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ, энергетика ва инфрасохтор як қатор ташаббусҳои муштарак амалӣ карда мешаванд (саҳ. 56).

Муаллиф мавқеи Созмони ҳамкории Шанхайро дар иқтисоди ҷаҳонӣ арзёбӣ намуда, ба хулоса меояд, ки дар сурати истифодаи самараноки иқтидори мавҷуда ва густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, СҲШ метавонад ба яке аз марказҳои муҳими иқтисодии минтақаи Авруосиё табдил ёбад.

Пешниҳоди муаллиф оид ба густариш ва амиқсозии ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи СҲШ қобили дастгирӣ буда, татбиқи он метавонад барои истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии кишварҳои аъзо ва рушди муносибатҳои тиҷоратию сармоягузорӣ мусоидат намояд (саҳ. 62–63).

Дар боби дуюм «Вазъи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай» вазъ ва тамоюлҳои рушди савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои СҲШ мавриди таҳлил қарор гирифта, таъсири омилҳои асосӣ ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ арзёбӣ гардидааст. Ҳамзамон, мушкилот ва тамоюлҳои рушди ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои созмон таҳқиқ шудаанд (саҳ. 65–121).

Дар диссертатсия тамоюлҳои рушди савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои СҲШ таҳлил гардида, мушкилоти асосии рушди муносибатҳои тиҷоратӣ муайян карда шудаанд. Дар ин замина, муаллиф зарурати такмили инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикиро ҳамчун яке аз шартҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои тиҷоратӣ асоснок менамояд. Ба андешаи ӯ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ метавонад ба коҳиш ёфтани хароҷоти интиқоли мол, беҳтар гардидани имкониятҳои транзитӣ ва густариши робитаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд (саҳ. 65–72).

Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои аъзои СҲШ гурӯҳҳои гуногуни молу хизматрасониро фаро гирифта, барои густариши минбаъдаи он имкониятҳои муайян мавҷуд мебошанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лоиҳаҳои муштараки инфрасохторӣ ва логистикӣ метавонад ба беҳтар гардидани шароити содирот ва таҳкими мавқеи кишвар дар муносибатҳои тиҷоратии минтақавӣ мусоидат намояд.

Аз нигоҳи муаллиф, СҲШ барои густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам оварда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз кишварҳои аъзои созмон имкониятҳои назаррасро ҷиҳати тавсеаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо дигар давлатҳои аъзо доро мебошад (саҳ. 85).

Дар диссертатсия омилҳои асосии ба рушд ва маҳдудшавии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи СҲШ таъсиррасон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мавқеи геоиқтисодӣ ва иқтидори захираҳои табиию иқтисодии кишварҳои аъзои созмон арзёбӣ гардидаанд. Ҳамзамон, нақши инфрасохтори нақлиётӣ, низоми логистикӣ ва лоиҳаҳои муштараки инфрасохторӣ дар тавсеаи муносибатҳои иқтисодии минтақавӣ муайян карда шудааст (саҳ. 85–95).

Дар асоси таҳлили омилҳои мазкур муаллиф ба хулоса меояд, ки самаранокии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи СҲШ аз истифодаи равиши маҷмуӣ вобаста буда, ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва институтсионалиро тақозо менамояд (саҳ. 100).

Дар боби дуюм арзёбии вазъи ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои СҲШ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки ҳамкориҳои сармоягузорӣ бо кишварҳои аъзои созмон дорои иқтидори назаррас буда, метавонанд барои таъмини рушди устувори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои иловагӣ фароҳам оваранд. Дар ин замина, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Россия ҳамчун шарикони муҳими сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, имкониятҳои онҳо дар самти ҷалби захираҳои молиявӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва интиқоли технологияҳои пешрафта таъкид шудаанд (саҳ. 120).

Дар боби сеюм «Самтҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай» роҳҳои ҳимояи манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи

ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои аъзои СҲШ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дурнамои рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии кишвар дар шароити нави геоиқтисодӣ баррасӣ ва асоснок карда шудааст (саҳ. 122–157).

Муаллиф дар асоси таҳлили самтҳои ояндадори ҳимоя ва таъмини манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои аъзои СҲШ муайян менамояд, ки созмони мазкур метавонад дар таҳкими мавқеи минтақавии Тоҷикистон, истифодаи имкониятҳои нави иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии кишвар нақши муҳим дошта бошад (саҳ. 123).

Дар диссертатсия дурнамои ҳамкориҳо дар доираи СҲШ дар самтҳои рушди бозори минтақавии энергетикӣ ва робитаҳои инфрасохторӣ, ҳамоҳангсозии стратегияҳои истифодаи захираҳои об, ҷалби сармоягузорӣ барои навсозии иншооти гидроэнергетикӣ, инчунин мониторинги муҳити зист ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим муайян ва асоснок гардидааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Ҳамзамон, муаллиф манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои аъзои СҲШ дар самтҳои савдо ва содирот, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, рушди нақлиёту логистика, энергетика, кишоварзӣ, технология ва саноат, инчунин ҳамкориҳои молиявӣ муайян намуда, имкониятҳои истифодаи самараноки ин ҳамкориҳоро ҷиҳати таҳкими иқтидори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллии кишвар асоснок кардааст.

Дар боби мазкур SWOT-таҳлили иштироки иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай, ки аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, таваҷҷуҳи махсусро ҷалб менамояд. Таҳлили мазкур имкон фароҳам овардааст, ки ҷиҳатҳои қавию заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳои эҳтимолии рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ муайян карда шаванд. Дар ин замина, самтҳои асосии пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои аъзои СҲШ дорои аҳаммияти муайяни илмӣ ва амалӣ мебошанд (саҳ. 140).

Ба андешаи муаллиф, яке аз унсурҳои муҳими стратегияи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи рушди ҳамкориҳои минтақавӣ татбиқи лоиҳаи CASA-1000 мебошад, ки ба содироти неруи барқ аз Осиёи Марказӣ ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, равона гардидааст (саҳ. 148).

Дар маҷмуъ, муаллиф ба хулоса меояд, ки рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои СҲШ яке аз самтҳои стратегии сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар ба ҳисоб рафта, метавонад на танҳо ба суръат бахшидани рушди иқтисодию иҷтимоӣ, балки ба таҳкими мавқеи иқтисодии Тоҷикистон ва баланд бардоштани рақобатпазирии он дар сатҳи минтақавӣ мусоидат намояд (саҳ. 157).

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии муаллиф оид ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай пешниҳод шудаанд.

VII. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия.

Бо вуҷуди аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, арзиши илмии натиҷаҳои бадастомада ва пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва нуктаҳои такмилталаб ба назар мерасанд:

1. Дар зербоби 1.3. «Созмони ҳамкории Шанхай ҳамчун ниҳоди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» масъалаҳои нақш ва мавқеи СҲШ дар рушди ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ баррасӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, муаллиф СҲШ-ро ҳамчун ниҳоди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ муаррифӣ намудааст, ки аз нигоҳи мо то андозае баҳснок мебошад, зеро СҲШ аз рӯйи моҳият ва ҳадафҳои таъсисёбиаш созмони бисёрҷонибаи минтақавӣ буда, фаъолияти он на танҳо ҳамкориҳои иқтисодӣ, балки масъалаҳои сиёсӣ, амниятӣ ва гуманитариро низ фаро мегирад. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф фарқияти байни ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҳамгироии иқтисодиро ба назар гирифта, мақом ва хусусиятҳои институтсионалии СҲШ-ро дар низоми созмонҳои минтақавӣ дақиқтар муайян менамуд.

2. Дар боби дуюми диссертатсия вазъ ва тамоюлҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои СҲШ таҳлил гардидаанд. Аммо мувофиқи мақсад мебуд, агар дар баробари таҳлили ҳаҷм ва сохтори гардиши савдои хориҷӣ, нишондиҳандаҳои нисбии самаранокии ҳамкориҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла дараҷаи тамаркузи содирот, афзалиятҳои муқоисавии молҳои содиротӣ ва вобастагии воридотии иқтисоди миллӣ низ мавриди таҳқиқ қарор мегирифтанд.

3. Дар таҳқиқот масъалаҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ аз кишварҳои аъзои СҲШ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодӣ баррасӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, хуб мебуд, агар муаллиф таъсири сармоягузориҳои мазкурро ба рушди иқтидори истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои мушаххаси иқтисодӣ амиқтар арзёбӣ менамуд.

4. Дар диссертатсия ба рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт ва инфрасохтор таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Аммо масъалаҳои вобаста ба хавфҳои сармоягузорӣ ва монеаҳои институтсионалӣ ба таҳлили муфассалтар ниёз доранд.

5. Дар зербоби 3.1 роҳҳои ҳимояи манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои СҲШ баррасӣ гардида, самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ муайян карда шудаанд. Бо вуҷуди ин, мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф механизмҳои мушаххаси татбиқи пешниҳодҳои худро бо дарназардошти имкониятҳои иқтисодии кишвар, захираҳои молиявии зарурӣ ва нақши ниҳодҳои масъули давлатӣ ба таври муфассалтар асоснок менамуд.

6. Дар зербоби 3.2 дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои СҲШ дар шароити нави геоиқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аммо хуб мебуд, агар муаллиф дар баробари муайян намудани самтҳои ояндадори ҳамкорӣ, сенарияҳои алтернативии рушди муносибатҳои иқтисодиро бо дарназардошти тағйирёбии вазъи геоиқтисодӣ, маҳдудиятҳои тиҷоратӣ ва хавфҳои эҳтимолии иқтисоди ҷаҳонӣ низ пешниҳод менамуд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин ба камбудиҳои номбар кардашуда ҷиддӣ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

VIII. Мувофиқати диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «тартиби додани дараҷаи илмӣ»

Автореферат фарогири мундариҷаи диссертатсия буда, интишороти муаллиф дар сатҳи кофӣ мундариҷаи корро дар бар мегиранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмию методологӣ иҷро шуда, таҳқиқоти мустақилона ва анҷомёфтаи

илмӣ ба ҳисоб меравад. Диссертатсия аз рӯйи мазмун, сохтор, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Иброҳимзода Амир Муддин сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳон мебошад.

Муқарризи расмӣ,
Сардори раёсати робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, и.в., профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва бизнеси байналмилалӣ, д.и.и., дотсент Б.М. Ҷумъаев

Суроға: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
тел.: (+992 934888670), E-mail: j_bahoviddin@mail.ru

Имзои Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович –доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори раёсати робитаҳои байналмилалии МД “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон”, и.в., профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонро тасдиқ менамоям.

Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҷӯраев Ш.Н.